Маросими хатми соли таҳсили 2025 дар Донишгоҳи Осиёи Марказӣ
Суханронии доктор Шамш Кассим-Лакха

Раиси Шӯърои парасторони Донишгоҳи Осиёи Марказӣ

Бисмиллоҳ-ир-Раҳмон-ир-Раҳим

Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, Мӯҳтарам Алишер Мирзонаботов!

Ҳокими вилояти Нарин, Мӯҳтарам Олтинбек Эргешов!

Муовинони ҳоким,

Аъзоёни Шӯрои парасторони Донишгоҳ

Ректор Кристофер Герри

Декан Максим Хомяков

Муаллимон ва кормандон

Волидайн, аъзоёни оила, меҳмонони гиромӣ,

Ва ситораҳои ҷашни имрӯз, Хатмкунандагони соли таҳсили 2025

Ассалому алайкум ва субҳатон ба хайр,

Ман аз номи Канселор, Шӯрои парасторон ва тамоми кормандони Донишгоҳи Осиёи Марказӣ табрикоти самимонаи худро ба хатмкунандагони соли таҳсили 2025 мерасонам. Шумо хати марраро сазовор убур намудед.

Имрӯз, мо инчунин нақши барҷаста ва заҳматҳои устодони донишгоҳ роҳбарият, кормандон ва ихтиёриёнро дар роҳнамоӣ ва дастгирии раванди таҳсилоти ин ҷавондухтарон ва ҷавонмардони шоиста қадр менамоем.

Мо махсусан ба волидон ва оилаҳои хатмкунандагони соли таҳсили 2025 минатдории самими худро баён менамоем.Ин нишонаи эътимоди амиқи аз ҷониби шумо буд, ки ба ваъдаи ояндаи дурахшон ва бинишу ниҳоди ҷавонон боварӣ доштед.

Биёед бароятон як қисса намоям, ки он дар бораи ман нест, балки дар бораи шумост

Аксари шумо аз водиҳои дур ва шаҳрҳои дурдаст ба ин ҷо омадаед. Баъзеи дигар аз шаҳрҳои Осиёи Марказӣ ва чанде аз кишварҳои дур омада буданд. Шумо дар ин Донишгоҳ забонҳо, урфу одатҳо, эътиқодҳо ва ҷаҳонбинии гуногунии худро паҳн намудед. Дар шаҳрҳои Нарин ва Хоруғ якҷо хандидеду бо шавқу ҳавас баҳсу мунозира намудед.

Аммо мушкилоти бисьёре ҳам доштед.

Шумо пандемияи ҷаҳониро паси сар карда, ба омӯзиши фосилавӣ мутобиқ шудед ва ба синфхонаҳое баргаштед, ки бо муҳитҳои нав табдил ёфтаанд. Бо паси сар кардани ин мушкилот шумо арзишҳои инсондӯстиро кашф намуда азми худро қавӣ ва қобилияти дарки ҳамдардӣ ва кӯмакрасониро ташаккул додед. Дар давоми панҷ сол, донишгоҳ дар

шумо ҳисси дӯсти ва бародариро парварид  ва ман умедворам он як умр ҳамроҳи шумо хоҳад буд.

Ин рӯзи шодмонӣ ҳамчунин ба  оғози 25-умин солгарди ба имзо расидани Шартнома дар бораи таъсиси Донишгоҳи Осиёи Марказӣ аз ҷониби президентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қирғизистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон ва Имомати Исмоилиён мебошад.

Ин донишгоҳ дар  шаҳрҳои  рушднамудаи марказӣ сохта нашудааст. Деворҳои ин Донишгоҳ, санг ба санг дар шаҳрҳои кӯҳистон, ки танҳо ҳамчун макони дур ва дорои мушкилотро ҳисобида мешуданд, қомат афрӯхтанд.

Дар ёд дорам, вақте ки мошинҳои боркаш бо масолеҳи сохтмонӣ ва таҷҳизоти сохтмонӣ ҳафтаҳо дар роҳҳо ба таъхир меафтоданд, зеро онҳо аз кишварҳои зиёд аз Аврупо тавассути Туркия ва Қафқоз омада ниҳоят аз марзҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ убур менамуданд. Мошинҳои дигар аз Покистон тавассути Чин меомадаанд. Монеаҳои ҳуҷҷатгузорӣ, ташаннуҷҳои фаромарзӣ ва нигарониҳоро дар бораи сари вақт ба итмом расонидани сохтмони кампуси шаҳракҳо ва саршавии дарсҳо аз рӯи ҷадвал ба вуҷуд меоварданд. Ҷалби ҳайати омӯзгорон ва таҳияи барномаи инноватсионии таълимӣ ва тасдиқи он аз ҷониби мақомоти гуногун ҳам душвориҳои худро доштанд. Аз ин рӯ,имрӯз лаҳзае ҳам аст, ки мо инчунини дигар роҳнамоии Шӯрои парасторон ва ҳамкории дастаҳои гуногун, аз ҷумла ҳунармандони шаҳрҳои Хоруғ, ки ин  маросими хатмро омода карданд, қадрдонӣ кунем.

Ҳеҷ яке аз ҳамаи ин чизҳо бидуни биниши  фавқуллода ва роҳбарии пойдори Канцлери муассиси мо, Волоҳазрат Оғохони IV ва дастгирии президентҳо ва ҳукуматҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон – давлатҳои муассиси мо, ки барои таъсиси ин ниҳоди нодири минтақавӣ даст заданд, имконпазир намебуд.

Мо инчунин ба вазирони маориф ва илми се давлати муассис барои ҳамкории арзишманд ва дастгирии раисону, ҳокимону вилоятҳо ва раисони шаҳрҳо барои истиқбол ва ҷой додани кампуси  Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар қаламравашон изҳори сипос мекунем.

Хатмкунандагони азиз, вақте ки шумо ба муҳити ва ҷаҳони фарохтаре қадам мезанед, иҷозат диҳед, ки як нуқтаи охиринро ба шумо баён намоям.

Таҳсилоти шумо дар Донишгоҳи Осиёи Марказӣ шуморо на танҳо барои ба даст овардани даромад, балки барои зиндагии пурмазмун омода кардааст. Шумо тарзи зиндагиеро пеш хоҳед бурд, ки дар он муваффақият на танҳо бо ба даст овардани манфиати шахсӣ, балки бо тағироти мусбате, ки шумо тавассути хидмат ба дигарон меоред, чен карда мешавад.

Мегӯянд, ки "хизмат ин иҷорапулиест, ки шумо барои қитаъе, ки дар рӯи замин ишғол мекунед, пардохт мекунед". Барои пардохте қисме  аз ин иҷорапулӣ, ки шумо барои ишғоли ин замин қарздоред, ман аз шумо хоҳиш мекунам, ки дар тӯли умри худ таҳсилоти олии ҳадди аққал як нафари дигарро дастгирӣ кунед.

Пас, хатмкунандагони азиз , вақте ки шумо ин кампусҳоро дар домони қуллаҳои барфпӯш тарк мекунед, ҳеҷ гоҳ иқтидори бузурги меҳрубонӣ  ва баракатҳои хидмат кардан ба дигаронро нодида нагиред.

Хаткунандагони соли 2025 табрик!

Нутқи худро поён расондам, вале як вазифаи муҳими ва гуворо ба дӯш дорам. Мо аз канслери Донишгоҳ Волоҳазрат Оғохони V мактуб гирифтем, ки Ӯ ба ман фармуданд то бароМади табрикотии Ӯро бо шумо хонда диҳам.

Сипос.